**Тақриз**

*ба автореферати диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг*

Дар замони муосир яке аз самтҳои муҳимми кори осорхонавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳо маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо бояд ба таври кофӣ аз ҷониби мутахассисони соҳа мавриди пажуҳиш қарор гиранд. Бо таваҷҷуҳ ба масъалаи фавқуззикр, интихоб ва таҳқиқу баррасии мавзуи **«Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)»** аз ҷониби муаллиф Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович ташаббуси бисёр саривақтӣ ва иқдоми муҳимми илмӣ мебошад. Зеро дар замони муосир осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои илмӣ-фарҳангӣ дар самти ҷамъоварӣ ва ҳифзу нигоҳдории осори таърихӣ, муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги миллӣ нақши хело муҳим ва назаррас доранд.

Бояд қайд намуд, ки пажуҳиши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳимми таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ доранд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми фаъолияти экспозитсионӣ аз ҷониби муаллиф ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Албатта, ин пажуҳиш барои равшан намудани бисёре аз ҷанбаҳои фарҳанги миллии тоҷикон ва рушди масъалаҳои осорхонашиносӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Аз матни автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот, рӯйхати адабиёти ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар **муқаддима** роҷеъ ба аҳамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, мақсад ва ҳадафҳо, сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, навгониҳои илмии таҳқиқ, методи таҳқиқ, саҳми шахсии муаллиф, масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми рисола **«Экспозитсия ва аҳамияти он дар фаъолияти**

**осорхонаҳо»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои асосии ташкили роҳҳои дурусти экспозитсияи осорхонавӣ аз назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, дар ин қисмати кор муаллиф доир ба хусусиятҳои хоси экспозитсияи осорхонавӣ ба монанди ороиши бадеӣ, истифодаи дурусти технологияи муосир дар экспозитсияи осорхонавӣ, танзими дурусти реҷаи ҳарорат, рутубат ва рӯшноӣ дар асоси дастуру меъёрҳои соҳаи осорхонашиносӣ маълумоти муфассали илмӣ пешниҳод намудааст. Албатта, натиҷаи таҳқиқи ин боби рисола имкон медиҳад, ҳангоми бунёд ва азнавсозии осорхонаҳо дар қаламрави кишвар мавриди корбурди амалӣ қарор гирад.

Боби дуюми диссертатсия **«Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ»** номгузорӣ шудааст. Боби мазкур аз се фасл иборат буда, дар он экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ташкили намоиши осорхонавӣ ва намудҳои он, намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии осорхона таҳлилу барравсӣ шудаанд. Муҳаққиқ дар ин боби рисола ба таври лозимӣ маводҳои заруриро ҷамъоварӣ, гуруҳбандӣ, муқоиса ва таҳқиқ намуда, ҳар яки онҳоро вобаста ба намудҳои намоиш истифода бурда, мавриди пажуҳиш қарор додааст. Ҳамзамон, ташкил ва баргузории намоишҳои осорхонавиро вобаста ба навъҳои гуногун гурӯҳбанди намуда, инъикоси таърихи фарҳанги халқи тоҷикро тавассути намоишҳои мазкур нишон додааст.

**Хулосаи** автореферат ба шакли илмӣ натиҷагирӣ ва ҷамъбаст гардидааст, ки мазмуну мундариҷаи бобу фаслҳои кори диссертатсиониро пурра инъикос менамояд. Инчунин, хулосаи мухтасари диссертатсия бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири матни автореферат оварда шуда, муҳтавои асосии таҳқиқоти унвонҷӯро ба таври фарогир ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович кори баанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи унвонҷӯ иҷро шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, инчунин дар матни автореферати диссертатсияи баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки ба андешаи мо ислоҳи онҳо дар нашри ояндаи кор ба манфиат хоҳад буд:

1. Муаллиф дар қисмати "сарчашмаҳои асосии таҳқиқ" таъкид намудааст, ҳангоми таҳқиқ осори илмии муҳаққиқони соҳаи осорхонашиносӣ, таърихнигорӣ, фарҳангшиносӣ ва санъатшиносро истифода намудааст, вале аз ягон асари илмӣ ба таври мушаххас ном набурдааст.

2. Муаллиф дар таҳқиқи боби дуюми автореферати рисола то андозае ба мақсади ниҳоӣ нарасидааст ва ин боб каме такмил меҳоҳад.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешавад.

Албатта, камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта,ислоҳшавандаанд ва арзиши илмии авторефератро коҳиш дода наметавонанд. Дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар бахши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо муҳим ва саривақтӣ буда, дастовардҳои илмии он дорои аҳамияти назарӣ ва амалии корбурдӣ мебошанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи **«Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор аст.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои таърих,
Сардори шуъбаи рисолаҳои илмии
МД "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи
иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилов М.Ш.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, к.Зарафшон М-5, бинои 6, ҳуҷраи 17.
Тел.: (+992) 985-93-23-43
E mail: mekhroch91@mail.ru

Имзои номзади илмҳои таърих Комилов М.Ш.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МД "Китобхонаи миллӣ"- и Дастгоҳи
иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломов А.Х.
"02" майи соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Теҳрон 5
Тел.: (+992 37) 221-89-56, 221-05-94
E-mail: info@kmt.tj